# Шарҳи моҳонаи таваррум • Феврали 2019

**Тибқи маълумотҳои оморӣ сатҳи таваррум[1] дар моҳи феврали соли равон чун моҳи қаблӣ аз ҳисоби омилҳои берунӣ ва мавсимӣ нисбатан раванди болоравӣ дошта, ба 0,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,7 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 1,1 фоиз (саҳм дар таваррум 0,6 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ 0,8 фоиз (0,1 б.ф.) таъсир расонид. Ҳамзамон, коҳишёбии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ба андозаи 0,5 фоиз (0,1 б.ф.) ба қайд гирифта шуд.

Ба тағйирёбии сатҳи таваррум дар моҳи баррасишаванда қиматшавии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз қабили сабзавот, биринҷ, макарон, маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ, ки ба омилҳои марбут ба таклифот ва мавсим вобаста мебошад. Дар баробари ин, вобаста ба омилҳои берунӣ дар моҳи баррасишаванда қиматшавии нархи орди навъи якум ба қайд гирифта шуд.

Аз тарафи дигар нархи бархе аз маҳсулот дар сабади таваррум, аз ҷумла равғани пахта, шакар, тухм ва меваҷот раванди коҳишёбӣ дошт.

Нарху тарифҳои хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли болоравӣ дошта, асосан аз ҳисоби қимат шудани арзиши хизматрасонии нақлиёти мусофирбар 5,9 фоиз (бахусус аз ҳисоби қиматшавии нархи чиптаи ҳавопаймои хатсайри байналмилалии Душанбе-Москва ба андозаи 31,1 фоиз) ба амал омад. Инчунин, дар моҳи ҳисоботӣ арзоншавии нархи манзилию коммуналӣ ба андозаи 2,3 фоиз мушоҳида гардид.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, нархи маводи сӯзишворӣ вобаста ба поёнравии нархи бензини навъи АИ-92 5,4 фоиз ва гази моеъ 12,8 фоиз раванди коҳишёбӣ доштанд, ки ба ин пеш аз ҳама арзоншавии нархҳои воридотӣ мусоидат намуданд.

**Ҳамин тариқ, сатҳи таварруми солона (дар 12 моҳи охир) тамоюли муътадили болоравӣ дошта, дар моҳи феврали соли 2019 ба 6,4 фоиз баробар шуд, ки дар ҳудуди меъёри муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон қарор дошт.**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ ба таваррум, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Сатҳи таваррауми аслӣ** дар моҳи феврали соли ҷорӣ 0,3 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона ба 2,8 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (нон ва маҳсулоти нонӣ), молҳои ғайрихӯрокворӣ (либос ва пойафзол, маҳсулоти таъмир ва сохтмон, лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Тибқи таҳлилҳо интизор меравад дар моҳҳои минбаъда вобаста ба "эффекти базавӣ" ва омилҳои асосии кӯтоҳмуддат ба сатҳи таваррум таъсиррасон, инчунин болоравии нархҳои маҳсулоти воридотӣ ва пешниҳоди онҳо, сатҳи таваррум андаке баланд гардад.**

**Аз ин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва ноил гардидан то интиҳои сол ба нишондиҳандаи мақсадноки таваррум татбиқи сиёсати мутавозини монетариро идома хоҳад дод.**

**Таваррауми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таваррауми солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**Таваррауми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррауми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррауми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррауми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррауми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | | | Феврал, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | | | | | | | 2019 | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **5,0** | **5,3** | **5,5** | **5,4** | **5,6** | **6,4** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **4,8** | **5,6** | **4,9** | **4,9** | **6,3** | **7,9** | **1,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 4,5 | 6,0 | 8,6 | 8,9 | 13,2 | 15,8 | 1,2 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 15,8 | 16,3 | 17,9 | 19,5 | 20,7 | 21,9 | 1,2 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 3,9 | 6,3 | 9,8 | 9,9 | 16,0 | 18,7 | 0,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 6,7 | 5,8 | 6,0 | 8,6 | 9,4 | 10,2 | 0,1 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 6,1 | 5,7 | 5,7 | 8,9 | 9,7 | 11,2 | 1,2 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 7,7 | 11,5 | 7,6 | 3,9 | 1,8 | -2,0 | -2,8 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,4 | 6,0 | 3,9 | 4,1 | 2,6 | 2,4 | 1,0 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | -1,4 | 5,4 | 1,3 | 1,3 | -2,1 | -1,6 | 0,5 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 4,7 | 7,8 | 7,5 | 9,2 | 9,1 | 9,6 | -0,1 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | 18,2 | 7,2 | 6,9 | 4,0 | 2,3 | -3,0 | -1,4 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | -1,4 | 4,2 | -6,6 | -10,7 | -9,7 | -3,6 | 5,3 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -11,3 | -6,3 | -3,0 | 2,7 | 4,4 | 4,5 | -0,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 3,6 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 2,5 | 5,4 | 0,4 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **6,9** | **6,9** | **3,1** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **6,4** | **5,7** | **4,5** | **5,4** | **6,5** | **4,6** | **-0,9** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **5,7** | **5,9** | **6,2** | **6,4** | **6,3** | **5,6** | **-0,5** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 4,6 | 4,7 | 4,9 | 5,6 | 14,4 | 14,3 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 7,0 | 6,9 | 6,9 | 7,3 | 7,8 | 5,5 | 0,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 3,2 | 4,9 | 5,7 | 6,2 | 6,2 | 6,1 | 1,1 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | 9,2 | 7,7 | 9,3 | 10,4 | 10,7 | 6,3 | -2,7 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | 14,1 | 15,5 | 18,1 | 12,2 | 7,2 | 3,0 | -6,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -12,5 | -8,4 | -8,4 | -4,5 | -5,9 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,5 | 4,5 | 5,2 | 5,2 | 8,3 | 3,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 8,4 | 9,0 | 8,7 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 0,8 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **4,3** | **3,2** | **6,7** | **4,9** | **2,1** | **3,1** | **0,8** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | 11,3 | 5,6 | 14,0 | 10,8 | 9,8 | 9,6 | -2,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 14,2 | 9,4 | 9,4 | 8,4 | 8,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 14,7 | 0,6 | 14,9 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | 8,7 | 13,4 | 20,4 | 6,2 | 2,8 | 0,9 | -12,1 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | -0,7 | 2,1 | 5,2 | 2,9 | -4,8 | -0,7 | 5,9 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 1,8 | 2,5 | 2,8 | 3,3 | 3,3 | 2,9 | 0,0 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо